ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# РЕЗААХБОР

## ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ШАШМОҲАИ АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

ДУШАНБЕ – 2023

## МУҚАДДИМА

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ буда, барномаҳои таълимӣ, барнома ва нақшаҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибаомӯзии мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва фармоиши давлатиро оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Ҳадафи асосии Раёсати Академия ин фаъолияти бомаром, ба мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, яъне истифодаи барномаҳои муосири таълимӣ, шаклу усулҳои ташкили раванди таълим ба рушди сармояи касбӣ, инчунин, эҷодиёти коммуникативӣ ва омодагии мутахассисони оянда ба муоширати пурраи касбӣ бо забонҳои хориҷӣ дар соҳаи сиёсӣ ва хизмати давлатӣ, инчунин, омода намудани мутахассисони ояндаи касбӣ бо донистани забонҳои хориҷии касбӣ (русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, арабӣ) бо назардошти хусусияти раванди муошират, хусусиятҳои шахсияти хушбаён ва эҷодкор, маҳсули эҷоди коммуникативӣ ва хусусияти муҳити эҷодии муошират доштан мебошад.

## РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУСИ АКАДЕМИЯ

Ба ҳолати 1 июли соли соли 2023 дар Академия 485 нафар кормандону омӯзгорон (397 нафар кормандони асосӣ, 88 нафар ҳамкорони берунаи кафедраҳо) кору фаъолият менамоянд. Аз шумораи зикргардидаи кормандони асосӣ 170 нафарро занҳо ва 227 нафарро мардҳо ташкил медиҳанд. Аз 170 нафар занҳо, 25 нафари онҳоро занони роҳбар, ҳамчунин, аз 397 нафар кормандони асосӣ 71 нафарро кормандони техникӣ ва ёрирасон ташкил медиҳанд.

**Маълумоти омории интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар соли 2023 ва дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2022**

| № | Солҳо | Шумораи умумӣ | Ҳамкори асосӣ | Ҳамкори берунӣ | Ҳамкори асосӣ-занон | Занони роҳбар | Корман-дони техникӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 2022 | 468 | 389 | 79 | 162 | 24 | 68 |
| 2. | 2023 | 485 | 397 | 88 | 170 | 25 | 71 |

Дар шашмоҳаи соли 2023 барои фаъолияти мунтаззами бардавому бенуқсон, саҳми арзанда дар таълиму тарбия ва баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва ватанпарастии ҷавонон дар асоси фармоиши ректори Академия 2 маротиба ҳавасмандгардонии молиявӣ, 10 нафар бо нишони

«Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», 3 нафар бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 нафар бо «Ифтихорнома» ва 26 нафар бо «Сипоснома»-и Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудаанд.

## КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ ДАР АКАДЕМИЯ

Дар шашмоҳаи аввали соли 2023 бо мақсади ба низом даровардани раванди таълим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, донишазбаркунии донишҷӯён ва ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ гардонидани равияю ихтисосҳои Академия, беҳтар намудани корҳои ташкилӣ, таълимию методӣ корҳои назаррас пешбинӣ ва ба анҷом расонида шудааст.

Дар шашмоҳаи соли таҳсили 2023 теъдоди умумии омӯзгорон 307 нафар, аз ин миқдор 149 нафар омӯзгорони унвондор мебошанд, ки нисбати шашмоҳаи соли 2022 9 воҳиди корӣ аз ҳисоби омӯзгорони унвондор зиёд шудааст. Аз шумори умумии омӯзгорон 307 нафар, 149 нафар **(48,5%)** омӯзгорони дорои унвон ва дараҷаи илмӣ, аз ҷумла доктори илм, профессор **– 28** нафар, доктори илм дотсент 2 нафар, номзади илм, дотсент – **96** нафар, номзади илм, муаллими калон – **23** нафар, муллими калон (бе унвон) – **52** нафар ва ассистент (бе унвон) **106** нафар мебошанд. Аз **307** нафар омӯзгорони кафедраҳо **119** нафарашон омӯзгорони асосӣ, **100** нафар ҳамкорони дохилӣ ва **88** нафар ҳамкорони беруна мебошанд.




Ба ҳолати моҳи июни соли таҳсили 2023 шумораи умумии донишҷӯён ва магистарнтони Академия 4864 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин теъдод 979 нафара тариқи ройгон ва 3885 нафар тариқи пулакӣ таҳсил

менамоянд. Аз шумораи умумӣ (4864) 1608 нафар духтар ва 3256 нафарро писарон ташкил медиҳанд. Ҳамзамон вобаста ба зинаи таҳсилот 2370 нафар дар зинаи бакалавр таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ, 1778 нафар дар зинаи мутахассис (таҳсилоти 2) ва 540 нафар дар зинаи магистратура, 138 нафар дар зинаи магистратураи хизматчиёни давлатӣ (1-сола) ва магистратураи "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон", 38 нафар дар зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) таҳсил менамоянд. Аз миқдори умуми донишҷӯён 2 нафар шаҳрванди хориҷӣ - 1 нафар аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар зинаи магистратура ва 1 нафар аз Ҷумҳурии Узбекистон дар зинаи бакалавр таҳсил менамоянд.

**Даври фаъоли сессияи имтиҳонии тобистонаи донишҷӯёни зинаи бакалавр рӯзона дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2023**

| Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Миқдори умумии донишҷӯён то сессия | Аз ҷумла | | | | | Миқдори донишҷӯёни ба сессия роҳ додашуда | Натиҷаи сессия | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | Ҳамаи имтиҳонҳоро супорид | | | | | | | Қарздорон | | | | | | |
| | | Буҷавӣ | Квота | Шартномавӣ | Дар рухсатии академӣ | Миқдори донишҷӯёни ба сессия роҳнаёфта | | 5(A,A-) | 5,4(A,A-, B+,B,B-) | 4(B+,B,B-) | 5,4,3(A, A-, B+, B, B-, C+,C,C-, D+D) | 3(-,C+,C,C-, D+D) | Ҳамагӣ | Бо % (фоиз) | Аз як фанни таълимӣ | Аз ду фанни таълимӣ | Аз се ва зиёда фани таълимӣ | Иштирок накарданд | Ҳамагӣ | Бо % (фоиз) | Бо қарзи академӣ хориҷ гардиданд |
| | 1232 | 367 | - | 865 | - | - | 1232 | 159 | 180 | 11 | 514 | 70 | 934 | 75,8 | 115 | 158 | 13 | 12 | 298 | 24,2 | - |




Дар соли таҳсили 2023 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро **1257** нафар хатм намуданд. Аз теъдоди зикр гардида, **65** нафар соҳиби дипломи аъло гардиданд, ки 5,2%-и шумораи умумиро ташкил медиҳад.

## КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ҲАЙАТИ УСТОДОН ВА ПРОФЕССОРОНИ АКАДЕМИЯ

Фаъолияти илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари дигар самтҳо аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар Академия фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби ҳайати устодону профессорони кафедраҳо, марказҳои омӯзишӣ ва пажуҳишгоҳҳо, аз ҷумла "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон", Пажуҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавӣ, Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад.

Иҷроиши нақшаи таҳия ва нашри маводи таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотии Академия дар шашмоҳаи аввали соли 2023 дар муқоиса бо шашмоҳаи аввали соли 2022, инчунин бо солҳои 2019, 2020, 2021 ва 2022 чунин аст:

| № | Номгӯи маводи нашршаванда | Миқдори маводи нашргардида | | | | Шашмоҳаи аввали соли 2022 | Шашмоҳаи аввали соли 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | | |
| Маводҳои таълимӣ ва илмии нашршуда (ҳамагӣ) | | 19 | 61 | 85 | 87 | 64 | 39 |
| 1. | Монография | 7 | 24 | 25 | 25 | 14 | 11 |
| 2. | Китоби дарсӣ | 1 | 5 | 6 | 5 | 2 | 6 |
| 3. | Воситаи таълимӣ | 7 | 14 | 28 | 20 | 24 | 4 |
| 4. | Дастури таълимӣ | 4 | 18 | 26 | 39 | 24 | 18 |
| 5. | Мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла: | 72 | 273 | 466 | 450 | 373 | 417 |
| | а) мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОАПҶТ ва КОА ВМИ РФ нашргардида | 35 | 102 | 132 | 194 | 133 | 200 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | б) мақолаҳои дар маҷмуаҳои байналмилалӣ нашргардида | 2 | 14 | 76 | 67 | 49 | 35 |
| | г) дар дигар маҷаллаҳо | 21 | 115 | 187 | 165 | 155 | 182 |
| 6. | Мақолаҳои илмӣ-оммавӣ дар рӯзномаҳои даврӣ | 12 | 129 | 125 | 209 | 93 | 213 |
| 7. | **Ҳамагӣ** | 103 | 463 | 676 | 746 | 530 | 669 |
| | | | | | | | |
| 1. | Баромад ва мусоҳибаҳо дар радио ва телевизион | 40 | 72 | 340 | 356 | 165 | 173 |

Дар шашмоҳаи аввали соли 2023 дар Академия 79 чорабинӣ, аз ҷумла 7 конференсияи ҷумҳуриявӣ ва 1 конференсияи байналмилалӣ, 43 семинари илмии назди кафедраҳо, семинарҳои факултетӣ, академиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин 28 мизи мудаввари назди кафедра, факултетӣ, академиявӣ ва ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2023 188 нафар омӯзгорону профессорони Академия дар чорабиниҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла конференсияҳои академиявӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ бо маърузаҳо иштирок ва баромадҳо намудаанд.

Дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2023, №АП-330 дар Академия озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” роҳандозӣ гардид, ки дар он донишҷӯён, магистрантон ва кормандони Академия иштирок намуда, ғолибони даври академиявӣ дар даври ноҳиявӣ иштироки фаъолона намуданд ва дар даври ноҳиявӣ соҳиби 2 ҷойи 1-ум, 7 ҷойи 2-юм ва 3 ҷойи 3-юм гардида, ба даври шаҳрӣ роҳхат гирифтанд.

Ҳамзамон донишҷӯёну магистрантони Академия дар даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" дар соли 2023 соҳиби 1 ҷойи 2-юм ва 1 ҷойи 3-юм ва дар даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон” - оинаи таърих миллат” дар соли 2023 соҳиби 1 ҷойи 1-ум, 1 ҷойи 2-юм ва 1 ҷойи 3-юм гардида, ба даври шаҳрӣ роҳхат гирифтанд.

Дар маҷмуъ, айни замон дар Академия 15 ихтисос дар зинаи докторантураи PhD ва 10 ихтисос дар зинаи докторантураи анъанавӣ амал мекунад. Айни ҳол 38 нафар докторант ва 236 унвонҷӯ ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд.

**Ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дар Академия дар шашмоҳаи аввали соли 2023**

| № | Ному насаби ҳимоякунандаҳо | Номзадӣ докторӣ | Санаи ҳимоя |
|---|---|---|---|
| 1. | Комилбек Амид Ёрбек | докторӣ | 13 январи соли 2023 |
| 2. | Шамсуллозода Шукрулло | докторӣ | 21 январи соли 2023 |
| 3. | Соибов Зайниддин Мирзошарифович | докторӣ | 11 майи соли 2023 |
| 4. | Ғоибназарзода Саид Маҳмадназар | докторӣ | 6 июли 2023 |
| 5. | Раҷабзода Маҳмадулло | докторӣ | 30 июни соли 2023 |
| 6. | Музаффарзода Фазлиддин | номзадӣ | 11 марти соли 2023 |
| 7. | Мирзоева Меҳрубону | номзадӣ | 1 апрели соли 2023 |
| 8. | Изатуллозода Пайрав Изатулло | номзадӣ | 28 апрели соли 2023 |
| 9. | Абдуалимзода Исмоил Иброҳим | номзадӣ | 30 майи соли 2023 |
| 10. | Назарзода Алишер Сафар | номзадӣ | 5 июли соли 2023 |
| 11. | Ҳомидзода Ҳусейн Халифабобо | номзадӣ | 28 июни соли 2023 |

Дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академия давоми шаш моҳи ҳисоботӣ 1 рисолаи докторӣ ва 2 рисолаи номзадӣ ҳимоя шудааст.

## КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ВА ИДЕОЛОГӢ ДАР АКАДЕМИЯ

Корҳои тарбиявӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолият дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масъулияти асосии пешбурди он ба зиммаи Раёсати корҳои тарбиявӣ ва сохторҳои назди он мебошад.

| Номгӯи чорабиниҳо | Сол | Академиявӣ | Ноҳиявӣ | Шаҳрӣ | Ҷумҳуриявӣ | Миқдор |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Чорабиниҳои сиёсӣ – маърифатӣ** | 2023 | 15 | 5 | 4 | 3 | 27 |
| **Фарҳангӣ** | 2023 | 5 | 5 | 2 | | 12 |
| **Озмунҳо** | 2023 | 5 | | | | 5 |
| **Маҳфилҳои илмӣ** | 2023 | 8 | | | | 8 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мусобиқаҳои варзишӣ** | 2023 | 4 | 4 | 2 | 6 | 16 |
| **Аксияҳо** | 2023 | 8 | 2 | 1 | 1 | 12 |
| **Ҷамъ:** | 2023 | 33 | 14 | 8 | 9 | 68 |

Дар Академия 11 нафар донишҷӯи ятими кулл, 48 нафар нимятим, 14 нафар маъюб ва 5 нафар камбизоат таҳсил менамоянд. Дар Академия Маркази иҷтимоии шахсони имконияташон маҳдуд таъсис дода шудааст. Марказ дар асоси Низомнома амал намуда, ҷиҳати мусоидат ба амалишавии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии шахсони имконияташон маҳдуд таъсис дода шудааст. Ба 26 нафар донишҷӯёни ятими кулл ва донишҷӯёни имконияташон маҳдуд стипендияи муқарраррӣ ва ҳармоҳа ба миқдори 300 (сесад) сомонӣ барои хӯрокпулӣ ҷудо карда шуда, ройгон бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд.

**Мусобиқаи варзишӣ аз намуди гӯштини миллӣ дар байни муассисаҳои олии шаҳри Душанбе**

| № | НОМ ВА НАСАБИ ҒОЛИБ | ҶОЙИ ИШҒОЛНАМУДА | КУРС ВА ФАКУЛТЕТ |
|---|---|---|---|
| 1 | Нуруллозода Шоҳрух | Ҷойи якум | Курси 2, факултети идоракунии давлатӣ |
| 2 | Дӯстзода Зиёвиддин | Ҷойи дуюм | Курси 1, факултети дипломатия ва сиёсат |
| 3 | Бегмуродов Асламҷон | Ҷойи дуюм | Курси 1, факултети дипломатия ва сиёсат |
| 4 | Маҳкамов Манучеҳр | Ҷойи сеюм | Курси 2, факултети дипломатия ва сиёсат |
| 5 | Маҳмадуллозода Сафия | Ҷойи сеюм | Курси 4, факултети идоракунии давлатӣ |

**Мусобиқа аз рӯи намуди “Шоҳмот” миёни устодон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе**

| № | НОМ ВА НАСАБИ ҒОЛИБ | ҶОЙИ ИШҒОЛНАМУДА | ҶОЙИ КОР |
|---|---|---|---|
| 1 | Дадабоев Абдусалом | Ҷойи якум | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| 2 | Сатторов Абдукарим | Ҷойи дуюм | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| 3 | Маҳмаёров Собирҷон | Ҷойи сеюм | Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4 | Қодирова Гулмоҳ | Ҷойи якум | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5 | Маҳмудова Фарзона | Ҷойи дуюм | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6 | Сафарова Шабнам | Ҷойи сеюм | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

## ФАЪОЛИЯТИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР АКАДЕМИЯ

Дар шаш моҳи аввали соли 2023 раёсати робитаҳои байналмилалӣ дар самти иштироки ҳузурӣ ва онлайнии кормандон ва устодони Академия дар чорабиниҳои хориҷи кишвар аз ҷумла, семинару тренингҳо, вебинарҳо, симпозиумҳо, конференсияҳои байналмилалӣ корбарӣ намудааст, ки дар маҷмӯъ шумораи зиёди чорабиниҳои гуногунҷабҳаро ташкил медиҳад.






Бо дастуру супоришҳои роҳбарияти Академия раёсат дар доираи салоҳиятҳои корӣ бо тартиби муқаррargардида таҳия ва ба имзорасии як қатор созишномаҳо ҳамкориро бо намояндагии созмонҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон коргузорӣ намудааст.. Аз ҷумла:

| № | Номи муассиса | Сол ва санаи имзо | Эъзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Консенсус дар бораи ташаббус байни Академияи миллии идоракунии Хитой ва Академия (АИДнПҶТ), Академияи идоракунии Қазоқистон (АИДнПҶҚ), Академияи Қирғизистон, (АИДнПҶҚ), Академияи Туркменистон (АИДнПҶТ), Академияи Ӯзбекистон (АИДнПҶУ) | 25.04.2023 | Консенсус дар бораи ташаббуси Шабакаи Академияҳои ҳокимият ва идоракунии давлатии Хитой ва Осиёи Марказӣ |
| 2. | Донишгоҳи Ланчжоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин | 19.05.2023 | Ёддошти тафоҳум |

*Инчунин, ёддоштҳои тафоҳум бо муассисаҳои таълимии зерин омода буда, мавриди имзошавӣ бо Академия қарор дорад. Аз ҷумла:*

| № | Номи муассиса | Эъзоҳ |
|---|---|---|
| 1. | Академияи миллии идоракунии Хитой | Созишномаи ҳамкорӣ |
| 2. | Донишгоҳи Олмону Қазоқистон | Ёддошти тафоҳум |
| 3. | Донишгоҳи идоракунии давлатии Ҳиндустон | Ёддошти тафоҳум |




Дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2022-2023 (нимсолаи баҳорӣ) раёсати робитаҳои байналмилалӣ дар доираи барномаи табодули академӣ 21 нафар донишҷӯёнро ба МТОК-и хориҷӣ, ки Академия бо онҳо созишномаҳои ҳамкорӣ доранд, сафарбар намуд.




Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи илму дониш, табодули таҷриба ва сайқал додани маҳорату малакаи касбии устодон ва кормандони Академия дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии ҳамшарик сафарҳои омӯзишӣ ташкил ва роҳандозӣ гардиданд:









***Номгӯи марказҳои Академия***

1. Маркази дӯстӣ ва ҳамкории СҲШ дар Тоҷикистон (соли 2021);
2. Маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ (соли 2021);
3. Марказаи рушди ҳуқуқи маъмурӣ (соли 2021);
4. Маркази шахсони имконияташон маҳдуд (соли 2022);
5. Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбарикунанда ва болаёқат (соли 2022);
6. Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти мубоизабаранда бо коррупсия (соли 2022);
7. Маркази "Ҳуқуқҳои кӯдак" (соли 2023);
8. Маркази Барномаи глобалии роҳбарӣ дар озмоишгоҳҳо (GLLP) (соли 2023).

Дар давраи ҳисоботи ректори Академия Ғафурзода А.Д. дар чунин чорабиниҳои байналмилалӣ бо маърӯзаҳо иштирок намуданд:



## КОРҲОИ МОЛИЯВӢ ВА ХОҶАГИДОРӢ

Академия шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни муҳосибии мустақил, суратҳисоб бо асъори миллӣ дар Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва бо амалисозии амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва қарзӣ аз ин суратҳисоб истифода мебарад.

Маблағгузории фаъолияти Академия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои махсус ва дигар маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

Кормандони раёсат фаъолияти худро дар доираи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Дар бораи хазинадорӣ», «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд.

Пардохти музди меҳнати кормандон дар асоси талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудаистодааст. Бастҳои вазифавии кормандон барои ҳар як соли тақвимӣ аз ҷониби Ректори Академия бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

## ДОНИШКАДАИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

Дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар 6 моҳи соли 2023 тибқи Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ барои соли 2023, ки аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, 22 курси нақшавӣ баргузор гардид. Аз ҷумла, 3 курси азнавтайёркунӣ, 17 курси такмили ихтисос дар заминаи Академия, 5 курси сайёри такмили ихтисос ва 2 курси таҷрибаомӯзӣ.

Дар курсҳои мазкур ҳамагӣ 1289 нафар (449 зан) иштирок намуданд, ки аз ин 567 нафар (аз ҷумла 231 зан) то 35-сола мебошанд. Дар ҷамъбасти курсҳо ба 1202 нафар «Гувоҳнома» ва ба 87 нафар «Шаҳодатнома» супорида шуд.

**Динамикаи иштироки шунавандагон дар курсҳои нақшавӣ дар шаш моҳи соли 2023**



Аз ҷониби Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбар ва болаёқат 2 курси ғайринақшавии такмили ихтисос бо фарогирии 41 нафар шунаванда, шуъбаи ҷалби грантҳо 3 курси такмили ихтисос бо фарогирии 50 нафар, 1 курси омӯзишӣ бо фарогирии 28 нафар (ҷамъ 78 нафар), (ҷамъ барои 119 нафар) ташкил ва баргузор карда шуд.

Дар маҷмӯъ, дар 29 курси доиргардида 1559 нафар шунаванда (622 зан) иштирок намуданд, ки аз ин шумора 683 нафар ҷавон (аз ҷумла 305 нафар зан)-и то 35-сола мебошанд.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ 2 курси ғайринақшавии такмили ихтисос дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил ва баргузор гардид, ки дар курсҳои мазкур 151 нафар шунавванда иштирок намуданд.

## КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОН ВА ОМӮЗГОРОНИ АКАДЕМИЯ

Иттифоқи касабаи кормандон ва омӯзгорони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар давраи ҳисоботӣ дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, аъзои сохтори Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аъзоёни Иттифоқи касабаи кормандон ва омӯзгорони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як коллективи намунавӣ дар кору фаъолияти илмию таълимӣ, инчунин дар ободкорию саховатпешагӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Аз ҷумла, дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи беш аз 70 000 (ҳафтод ҳазор) сомонӣ кӯмаку дастгириҳоро анҷом доданд.

| № | Асос | Маблағ |
|---|---|---|
| 1. | Хайрия ба зарардидагони заминларзаи шадид дар минтақаҳои ҷануби шарқии Туркия | 14 000 сомонӣ |
| 2. | Хайрия ба оилаҳои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, ки дар натиҷаи заминларза вафот карданд | 10 000 сомонӣ |
| 3. | Ба мактаби ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор | 46 000 сомонӣ |
| | | **ҶАМЪ: 70 000 сомонӣ** |